# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ – ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеъаи Тоҷикистон» барои дарёфти илми доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда ва муҳимияти он дар таҳқику пажӯҳиши мукамали паҳлӯҳои мухталифи зоҳиршавии ифротгароии динӣ - сиёсӣ баён гардида, сисёсигардони дин ва дингардонии сисёсат, таҳдиди ин зуҳуроти номатлуб ба амният ва рушти устувори ҷомеъа ва роҳҳои пешгирии он таҳлилу баррасӣ гардидааст. Бо шаҳодати автореферат, диссертатсия аз муқаддима ду боби фарогири шаш параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Саидов Д. М. дар автореферати худ тавонистааст, ки сабабҳои пайдоиш ва моҳияти чунин ҳаракату гурӯҳҳои ифротгароиро ошкор намуда, нақши онҳоро дар ҳалли бисёр масаълаҳои сисёсӣ замони муосир ва таъсири манфии онҳоро дар рушди давлатдории муосири тоҷикон муайян намудааст. Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмуавии мазмуну мундариҷаи ифротгарароии динӣ сиёсӣ, хусусиятҳои шакл ва механизмҳои пайдоиши он, ошкор намудани роҳу воситаҳои аз худнамудани он дар шароити Тоҷикистони муосир мебошад, ки аз аҳмиятнокии мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин мавриди зикр аст, ки Саидов Д. М. дар таълифи рисолаи худ аз манбаъҳои аслӣ ва осори таҳқиқотҳои зиёд истифода намудааст, ки аз вусъати доираи таҳқиқ ва дониши муаллиф шаҳодат медиҳад.

Дар баробари дастовардҳои диссертатант, ки зикр намудем, баъзе масаъалаҳои ишора кардан зарур аст, ки баҳсталабанд ва хуб мешуд мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифтанд.

1. Дар сатҳи омӯзиши мавзуъ диссертант танҳо ба таҳқиқотҳои олимони рус бештар таваҷҷуҳ намудааст. Таҳқиқотҳои солҳои охир ки ба мавзуъи диссертасия қаробат доранд дар сатҳи омӯзиши мавзуъ кам ба назар мерасанд.
2. Диссертант дар автореферат шаклҳои зоҳиршави гӯруҳҳои динӣ – ифроти ва таъсири идеологии онҳоро нишон надодааст.

Натиҷаи ташхиси автореферати диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевия дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ – ифротии мусоир ба бехатарии маънавии ҷомеъаи Тоҷикистонӣ» собит намуда, ки сатҳу сифати ин кори диссертатсионӣ ба талаботи ва меъёрҳои муқаррнамудаи КОА – назди Презинденти Ҷумҳури Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, аз ин рӯ, диссертант сазоворӣ дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 мебошад.

Номзадӣ илмҳои фалсафа,
муаллими калони кафедари
фанҳои ҷомеъашиносӣ ДТТ
ба номи М. С. Осимӣ **И.Ҷ Қурбоншоев**

734025 Ҷумҳури Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Раҷобовҳо 10
тел.:(+992) 93-567-67-20

**Имзои И.Ҷ. Қурбоншоевро тасдиқ менамоям** - Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ДТТ ба номи ак. М.С. Осимӣ **Д. А. Шарипова**